# 5. 2 (08.00.00) ЭКОНОМИКА
# 5.2 ИҚТИСОДИЁТ
# 5.2 ECONOMICS

## 5.2.1 ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ТЕОРИЯ
## 5.2.1. НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ
## 5.2.1. ECONOMIC THEORY

***УДК 336.02***
***DOI 10.24412/3005-8023-2026-1-34-44***

***ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАНЗИМИ АНДОЗӢ-МОЛИЯВИИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР***

***Исматов Хушрӯз Ҳасанович,*** *н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и МД "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон";* ***Нурзода Фаридун Раҳмон****, унвонҷӯи кафедраи молия ва қарзи МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и МД "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***ТЕОРЕТИКО-МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ НАЛОГОВО-ФИНАНСОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЭКОНОМИКИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ***

***Исматов Хушруз Хасанович****, канд. экон. наук, доцент, зав. кафедрой финансов и кредита ГУ «Худжандский международный институт» ГУ «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана»;* ***Нурзода Фаридун Рахмон****, соискатель каф. финансов и кредита ГУ «Худжандский международный институт» ГУ «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана» (Худжанд, Таджикистан)*

***THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF TAX AND FINANCIAL REGULATION OF THE ECONOMY IN THE CURRENT CONDITIONS***

***Ismatov Hushruz Hasanovich****, candidate in Economics, associate professor, the head of the department of finance and credit, SI "Khujand International Institute" of the SI "International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan", candidate of economic sciences, associate professor;* ***Nurzoda Faridun Rahmon,*** *postgraduate student of finance and credit department, SI"Khujand International Institute" of the SI "International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan" (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *Khushruz_1987@mail.ru*

*Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии танзими андозӣ-молиявии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Моҳият, сохтор ва вазифаҳои механизми танзими андозию молиявиро ҳамчун яке аз афзорҳои калидии сиёсати давлатии иқтисодӣ таҳлил намуда, нақши он дар таъмини суботи макроиқтисодӣ ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ асоснок карда шудааст. Дар таҳқиқ мафҳумҳои «механизми андоз», «механизми молиявӣ» ва «механизми танзими андозию молиявӣ» дар маънои васеъ ва маҳдуд баррасӣ гардида, робитаи мутақобилаи онҳо дар низоми идоракунии давлатии иқтисоди миллӣ нишон дода шудааст. Сохтори бисёрсатҳаи*

*механизми танзим, субъекту объектҳои он, шаклҳо, усулҳо ва афзорҳои амалии таъсиррасонӣ баррасӣ шудааст. Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба сиёсати андозию молиявӣ, зарурати мутобиқсозии он ба меъёрҳои байналмилалӣ ва тақвияти шаффофият ва назорати молиявӣ асоснок карда мешавад. Хулоса шудааст, ки такмили механизми танзими андозию молиявӣ омили муҳимми рушди устувори иқтисоди миллӣ буда, истифодаи ҳадафмандонаи афзорҳои фискалӣ ва молиявиро тақозо менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *танзими андозию молиявӣ, механизми андоз, сиёсати иқтисодӣ, ҷаҳонишавӣ, механизми танзим, рушди устувор, иқтисоди миллӣ, афзорҳои фискалӣ*

*Рассмотрены теоретические и методологические аспекты налогово-финансового регулирования национальной экономики в условиях глобализации. Проанализированы сущность, структура и функции механизма налогово-финансового регулирования как одного из ключевых инструментов государственной экономической политики, а также обоснована его роль в обеспечении макроэкономической стабильности и устойчивого социально-экономического развития. В широком и узком смысле рассматриваются понятия «налоговый механизм», «финансовый механизм» и «механизм налогово-финансового регулирования», показана их взаимосвязь в системе государственного управления национальной экономикой. Изучена многоуровневая структура механизма регулирования, его субъекты и объекты, формы, методы и практические инструменты воздействия. Обосновано влияние процесса глобализации на налогово-финансовую политику, указано на необходимость ее адаптации к международным стандартам, а также на усиление прозрачности и финансового контроля. Сделан вывод, что совершенствование механизма налогово-финансового регулирования является важным фактором устойчивого развития национальной экономики и требует целенаправленного использования фискальных и финансовых инструментов.*

***Ключевые слова:*** *налогово-финансовое регулирование, налоговый механизм, экономическая политика, глобализация, механизм регулирования, устойчивое развитие, национальная экономика, фискальные инструменты*

*The article examines the theoretical and methodological aspects of tax and financial regulation of the national economy in the context of globalization. The essence, structure and functions of the mechanism of tax and financial regulation as one of the key instruments of state economic policy are analyzed, and its role in ensuring macroeconomic stability and sustainable socio-economic development is substantiated. The concepts of "tax mechanism", "financial mechanism" and "tax-financial regulation mechanism" are considered in a broad and narrow sense, and their interrelationship in the system of public administration of the national economy is shown. The multi-level structure of the regulatory mechanism, its subjects and objects, forms, methods and practical instruments of influence were studied. The impact of globalization on tax and financial policy is substantiated, and the need for its adaptation to international standards, as well as for strengthening transparency and financial control, is highlighted. It is concluded that improving the mechanism of tax and financial regulation is an important factor in the sustainable development of the national economy and requires the targeted use of fiscal and financial instruments.*

***Key-words:*** *tax and financial regulation, tax mechanism, economic policy, globalization, regulation mechanism, sustainable development, national economy, fiscal instruments*

***Саҳми муаллифон:*** *Исматов Х.Ҳ.— таҳияи маводи мақола, таҳлил ва хулосабарорӣ; Нуризода Ф.Р. — низомбандии графику ҷадвалҳо ва баррасии маводи назариявӣ.*

Дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва афзоиши вобастагии назарраси иқтисоди миллӣ аз муҳити иқтисоди ҷаҳонӣ, масъалаи таъмини самаранокии механизми танзими андозию молиявӣ ба яке аз омилҳои асосии таъмини суботи макроиқтисодӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои маъмурии он табдил ёфтааст. Зеро маҳз дар раванди танзими андозию молиявӣ давлат мустақим ва ё ғайримустақим ба амалӣ гардонидани ҳадафҳои стратегии рушди мамлакат ноил мегардад ва бо иштирок дар муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, хосатан бо такмили самтҳои нави танзиму [3, с.15] назорати андоз [9, с. 220] манфиати иқтисоди миллӣ ҳифз мегарданд.

Механизми танзими андозию молиявӣ дар шароити бозор аз сиёсати иқтисодӣ ва махсусан сиёсати молиявии давлат вобаста аст, ки тибқи ҳадафҳои рушд ва шароити ҷаҳонишавӣ ташаккул ва амалӣ карда мешавад. Барои ба таври илмӣ муайян намудани моҳият ва сохтори ин механизм, ба ақидаи мо, пеш аз ҳама зарур аст, ки моҳияти худи мафҳуми «механизм» ва «механизми андоз» дар низоми идоракунии иқтисодӣ ба таври мухтасар баррасӣ гардад.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми «механизм» ба маънои маҷмуи воситаҳо, усулҳо, муносибатҳо ва ниҳодҳое муайян карда мешавад, ки тавассути он амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муайян: аз ҷумла иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ таъмин мегардад.

Шояд зикр кардан ҷоиз бошад, ки механизми андоз дар адабиёти илмӣ тафсири ягонаи баҳсноталаб надорад. Мураховская Е.С. ба ин фаҳмиш чунин таъриф медиҳад: «Механизми андоз – маҷмуи воситаҳо ва усулҳои истифодаи муносибатҳои андозӣ дар фазои мушаххас (ҳудуд), дар вақти муайян ва бо мақсадҳои мушаххас (таъмини ниёзи мақсадҳои иҷтимоӣ) мебошад, ки усули ташкили таъсири андозии равандҳои иҷтимоиву иқтисодиро инъикос мекунад» [4, с. 57]. Ба андешаи мо, дар ин таъриф муаллиф мафҳуми мавриди баррасиро аз ҷиҳати минтақавӣ ва таърихӣ дуруст муайян мекунад ва вазифаи механизми андозро ҳамчун усули ташкилии истифодаи муносибатҳои андозӣ дар маънои маҳдуд таҳқиқ кардааст. Бино ба гуфтаҳои мазкур таъкид кардан лозим аст, ки механизми андоз ба ташкил ва танзими муносибатҳои андозӣ имконият фароҳам меорад, вале истифодаи онҳоро таъмин намекунад. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, бояд дигар муайянкуниҳои мавҷуда мавриди таҳқиқ қарор гиранд.

Дар таърифи дастаҷамъонаи олимони соҳа, механизми андоз ҳамчун «маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ташкилотӣ ва усулҳои иқтисодӣ барои идораи андозбандӣ» баррасӣ мешавад. Аз ин нуқтаи назар, онҳо бовар доранд, ки «мақсади ниҳоии механизми андоз – таъмин намудани иҷрои меъёрҳои андозӣ, ки дар қонун қабул шудаанд ва воридоти банақшагирии андозӣ ба хазинаи давлат мебошад» [7, с 314].

Дар таърифҳои мазкур муаллифон вазифаи асосии механизми андозро танҳо тавассути идоракунии андозбандӣ баррасӣ мекунанд, вале ба ақидаи мо, чунин муайянкунӣ хеле баҳсбарангез мебошад. Ба мафҳуми мавриди таҳқиқ таърифи дигар низ аз ҷониби Т.Ф. Юткина пешниҳод шудааст, ки дар он механизми андоз ҳамчун «маҷмуи банақшагирӣ ва пешбинии андоз, танзим ва назорат» [10, с. 401] баррасӣ мешавад. Р.Г. Сомоев механизми андозро ҳамчун низоми зинаҳои муносибатҳои андозӣ медонад, ки низоми андоз ва сиёсати андозро ба фаъолият водор менамояд [6, с. 56]. Мо бо назари муаллиф розӣ ҳастем, ки механизми андоз «қувваи ҳаракатбахш» дар татбиқи сиёсати андоз мебошад, вале норӯшан аст, ки «низоми зинаҳо» дар муносибатҳои андозӣ чиро ифода менамояд.

Ба назари мо, барои муайян намудани моҳияти дурусти механизми андоз, омӯзиши маънои этимологии вожаи «механизм» ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар “Фарҳанги тафсирии забони русӣ” вожаи мазкур маънои «сохтори дохилӣ (низоми ҳалқаҳо)-и мошин, таҷҳизот, дастгоҳ, ки онҳоро ба фаъолият медарад» [5] муайян карда шудааст. Вожаҳои мазкур маъноҳои зерини

иқтисодӣ дорад: пайдарпайии ҳолатҳо ва равандҳо, ки ягон амал ё ҳодисаро муайян мекунанд ва ё низом ва дастгоҳе, ки тартиби ягон фаъолиятро муайян менамояд.

Ба назари мо, механизми андоз дар маънои васеъ низоми зербандҳои муносибатҳои андозиро ифода менамояд, ки банақшагирию пешбинӣ, танзим ва назорати андозиро муттаҳид месозад ва низоми андозу сиёсати андозро дар раванди менеҷмети андозӣ дар соҳаи молияи давлатӣ ба фаъолият медарорад. Албатта, таърифи мазкур раванди идоракунии низоми андозро инъикос мекунад ва дар ниҳоят барои ноилшавӣ ба мақсади сиёсати андоз мусоидат менамояд. Зеро унсурҳои овардашудаи механизми андоз аз вазифаҳо ва усулҳои идоракунии андозбандӣ бармеоянд. Дар ин шарҳ, моҳияти мафҳуми «механизми андоз» аз мафҳуми «танзими андоз» васеътар мебошад зеро чун танзими андоз ҷузъи таркибии механизми андоз шарҳ дода шуда аст.

Дар маънои маҳдуди ин фаҳмиши иқтисодӣ, ба назари мо таърифи муҳаққиқи соҳа Тӯхтаев Т.М. муносибтарин аст, ки дар он «механизми андоз» ҳамчун «маҷмуи усулҳо ва воситаҳои андозӣ баррасӣ мешавад, ки андозбандиро дар давраи таърихии мушаххас таъмин мекунад» [8, с. 19].

Боиси таъкид аст, ки механизми молиявӣ чун механизми андоз категорияҳои ба ҳам наздики иқтсодӣ мебошанд, ки зимни тақсиму бозтақсими маблағ дар иқтисодиёт ба вуҷуд меоянд. Дар таркиби механизми андозӣ-молиявӣ, банақшагирӣ ва ояндабинӣ, танзим ва назорати андозӣ-молиявӣ мавқеи калидӣ доранд.

Дар заминаи ин фаҳмиш, механизми танзими андозию молиявӣ ҳамчун маҷмуи воситаҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкиливу идоракунӣ муайян мегардад, ки ҳадафи асосии он таъмини рушди устувории низоми молиявии давлат тавассути сиёсати андозу молия бо мақсади расидан ба натиҷаҳои стратегии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки ин механизм аз ду унсури калидӣ – механизми андозӣ ва механизми молиявӣ иборат буда дар ҳамбастагӣ фаъолияти умумии низоми иқтисодиро танзим мекунанд. Механизми андозӣ бештар ба ташаккули қисми даромадии буҷет, ҳавасмандсозии истеҳсол ва танзими рафтори субъектҳои хоҷагидор равона гардида, механизми молиявӣ ба идоракунии захираҳои давлатӣ, пеш аз ҳама захираи молиявӣ, хароҷоти буҷетӣ ва дастгирии молиявии соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ нигаронда шудааст.

Аз нуқтаи назари сохторӣ, механизми танзими андозию молиявӣ дорои сохтори бисёрсатҳа мебошад. Дар сатҳи аввал, принсипҳо ва ҳадафҳои умумии сиёсати молиявию андозӣ ҷой доранд, ки онҳо самти стратегиро муайян месозанд. Дар сатҳи дуюм, ниҳодҳо ва мақомоти татбиқкунандаи сиёсати андозӣ-молиявӣ, ба монанди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои молиявӣ қарор доранд. Сатҳи сеюм бошад, маҷмуи воситаҳо ва афзорҳои амалӣ (андозҳо, имтиёзҳо, субсидияҳо, қарзҳо, грантҳо, хароҷоти буҷети давлатӣ ва ғ.)-ро дар бар мегирад. Дар сатҳи чаҳорум усулҳо ва механизмҳои идоракунӣ, назорат ва таҳлил ҷойгир мешаванд, ки самаранокии татбиқи сиёсати андозию молиявиро таъмин мекунанд.

Хусусияти муҳимми ин механизм дар он аст, ки он дорои табиати дутарафа мебошад: аз як тараф, воситаи таъсири давлат ба равандҳои иқтисодӣ аст, аз тарафи дигар, инъикоскунандаи муносибатҳои байни давлат ва субъектҳои иқтисодӣ мебошад. Самаранокии фаъолияти он аз мутобиқати байни ҳадафҳои стратегӣ ва имкониятҳои воқеии иқтисодӣ вобаста мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ сохтори механизми андозию молиявӣ таҳти таъсири омилҳои беруна қарор мегирад. Афзоиши гардиши сармоя, инкишофёбии бозорҳои молиявии байналмилалӣ, рақобати андозӣ байни кишварҳо ва густариши низомҳои иттилоотии

молиявӣ талаб менамояд, ки механизмҳои анъанавии танзим такмил дода шаванд. Ин такмил бештар ба самти баланд бардоштани шаффофият, мутобиқсозии сиёсати андозӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ ва тақвияти назорати молиявӣ равона мегардад.

Ба андешаи мо, дар маънои васеъ танзими андозию молиявӣ равандест, ки дар ҷараёни идоракунӣ тавассути таъсири мақсадноки давлат ба нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо истифода аз механизми андозозию молиявӣ бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва муносиб намудани вазифаҳои тақсимотӣ, назоратӣ, фискалӣ, танзимӣ, иҷтимоии андозу молия сурат мегирад ва дар ин ҷараён истифодаи самараноки иқтидори андозӣ-молиявии иқтисоди миллии кишвар таъмин мегардад.

Дар маънои маҳдуд, танзими андозию молиявӣ метавонад нисбат ба объектҳои мушаххаси идоракунии мақсадноки давлатӣ дар сатҳи иқтисодиёти байналмилалӣ, миллӣ, ҳатто минтақаҳою воҳидҳои ҳудудӣ [2, с 86] ва бахшҳои иқтисодӣ, инчунин хоҷагиҳои хонаводагӣ баррасӣ гардад.

Қайд карда кардан ба маврид аст, ки танзими андозӣ-молиявӣ самти мустақили сиёсати давлатӣ намебошад, балки яке аз афзорҳои муҳимми муассири татбиқи амалии сиёсати давлатӣ дар самти иқтисодӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳадафи танзим андозӣ-молиявӣ хусусияти дугонагӣ дорад. Дар раванди танзим, аз як ҷониб, барои мусоидат намудан ба татбиқи самараноки ҳадафҳои стратегии рушди кишвар эътибори аввалиндараҷа дода мешавад, аз ҷониби дигар, таъмин намудани тавозуни муносиб миёни манфиатҳои бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ дар мадди назар қарор мегирад.

Ба андешаи мо, расидан ба ҳадафҳои болозикр тавассути истифодаи мақсаднок аз таъсири мултипликатсияи андозҳо, хароҷоти давлатӣ ва карзи давлатӣ ба нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии рушд имконпазир аст. Ин таъсири мақсаднок бояд барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, рушди босуботи иқтисодӣ дар асоси татбиқи сиёсати ҳадафмандона ва мукаммали андозӣ-молиявии давлатӣ равона карда шавад.

Мусаллам аст, ки баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ ҳамчун самти калидии стратегии рушди иқтисодии кишвар муайян гардидааст [1, с. 94]. Таъсири мултипликативии андоз ва дигар имкониятҳои молияи давлатӣ маҷмуи таъсири мустақим ва ғайримустақими хусусиятҳои равандӣ ва моддии низоми андозбандии амалкунандаро ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии объекти танзимшаванда ифода намуда, дар як фосилаи муайяни вақт арзёбӣ мегардад.

Танзими андозӣ-молиявӣ ҳамчун раванд дар амалия тавассути механизми танзими андозӣ-молиявӣ амалӣ мегардад, ки унсурҳои асосии он субъектҳо ва объектҳои танзим, шаклҳои таъсиррасонӣ ва ҳамкории субъекҳо, инчунин усулҳо ва афзорҳои танзимро дар бар мегирад.

Субъектҳои танзими андозӣ-молиявӣ дар шароити муосир, аз як ҷониб, давлат дар симои мақомоти ваколатдори он ва, аз ҷониби дигар, субъектҳои хоҷагидорӣ ё худ шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ маҳсуб меёбанд. Танзими давлатии андозӣ-молиявӣ, ки ба дастурҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия ва муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ асос ёфтааст, хусусияти расмӣ ва мутамарказ дорад.

Дар айни замон, танзими андозӣ-молиявӣ, ки аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ ва иттиҳодияҳои онҳо амалӣ мегардад, хусусияти ғайрирасмӣ ва ғайримутамарказро касб менамояд. Субъектҳои хоҷагидорӣ метавонанд ба таври инфиродӣ ё дастаҷамъона ба мақомоти судӣ муроҷиат намуда, амалҳои ғайриқонунии мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори мақомоти андозу молия ва хосатан фондҳи мақсадноки давлатиро дар таъминоти иҷтимоӣ дар соҳаи ҷорӣ намудан, муқаррар кардан ва ситонидани андозҳо, инчунин назорати иҷрои уҳдадориҳои андоз ва риояи ҳуқуқҳои андозсупорандагон, ҳамчунин истифодаи маблағҳои мутамаркази давлатӣ ба манфиати ҷомеа мавриди баҳс қарор диҳанд, ки

шакли фаъоли иштироки ҷомеа дар раванди танзими андозу молия маҳсуб меёбад.

Шакли ғайрифаъоли иштироки ҷомеа дар танзими андозу молия зимни канораҷӯии огоҳонаи субъектҳои хоҷагидорӣ, яъне шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва ё гурӯҳҳои онҳо аз низоми андозбандии бесамар ва ноадолатона ифода меёбад, ки дар шакли гузариш ба иқтисодиёти пинҳонӣ зоҳир мегардад.

Объекти танзими андозӣ-молиявӣ захираҳои молиявии кулли субъектҳои хоҷагидорӣ ва ё дар маҷмуъ ҷомеа (бо назардошти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва иттиҳодияҳои онҳо) маҳсуб меёбанд. Предмети ин танзим муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки робитаи мутақобилаи сиёсати андозӣ-молиявии давлат ва захираҳои молиявии субъектҳои хоҷагидориро инъикос менамоянд.

Шаклҳои танзими андозу молия вобаста ба меъёрҳои гуногун гурӯҳбандӣ мешаванд. Аз рӯи дараҷаи миёнаравӣ ва таъсири давлат ба захираҳои молиявӣ шаклҳои мустақим ва ғайримустақими танзими андозӣ-молиявир ҷудо мекунанд. Шаклҳои мустақим воситаҳои андозбандию молиякуниро дар бар мегиранд, ки бевосита ба даромадҳо ва хароҷоти субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла андозҳои мустақим ва ғайримустақим, имтиёзҳои андозӣ, инчунин манъ ва маҳдудиятҳои меъёрӣ нисбат ба рафтори андозии онҳо, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, грантҳои давлатӣ ва ғайраҳо таъсир мерасонанд.

Шаклҳои ғайримустақими танзими андозӣ-молиявӣ тавассути андозу маблағгузориҳои давлатӣ сурат мегиранд, ки ба даромад ва хароҷоти субъектҳои хоҷагидорӣ ба таври миёнарав, хосатан бо воситаи андозбандӣ ба манбаъҳои даромад ва гирандагони захираҳои молиявӣ таъсир мерасонанд. Ҳамзамон вобаста ба дараҷаи расмияти раванди танзими андозӣ-молиявӣ, танзими расмӣ ва ғайрирасмии андозию молиявиро ҷудо мекунанд.

Танзими расмии андозӣ-молиявӣ аз ҷониби давлат ба таври мақсаднок ва тавассути асосноксозии муносиб дар заминаи меъёрҳои расмии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Танзими ғайрирасмии андозӣ-молиявӣ натиҷаи ҳамкории давлат бо субъектҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар посух ба танзими расмии андозӣ-молиявӣ таҷассум меёбад. Аз ин рӯ, субъекти танзим дар ҳолати аввал давлат тавассути мақомоти ваколатдор ва баъд дар ҳолати дуюм ё посух ба танзим субъектҳои иқтисодӣ маҳсуб меёбанд.

Аз рӯи дараҷаи ноилшавӣ ба ҳадафҳои пешбинишуда танзими андозӣ-молиявӣ ба танзими самаранок ва ғайрисамаранок ҷудо карда мешаванд. Танзими самаранок арзёбӣ мегардад агар тағйирёбии нишондиҳандаҳои калидии захираҳои молиявии субъектҳои иқтисодӣ ба ҳадафҳои пешбинишудаи танзим мутобиқ бошад. Танзими ғайрисамаранок ба тағйироти мақсадноки хусусиятҳои асосии объекти танзим натиҷаи мусбат дода наметавонад.

Самаранокии танзими андозӣ-молиявӣ дар маънои васеъ қобилияти иҷрои вазифаҳои дар ӯҳдаи давлат гирифташударо ифода мекунад, ки натиҷаи мусбат медиҳанд. Танзими андозӣ-молиявӣ метавонад самаранок ҳисобида шавад, агар натиҷаҳои татбиқи он ба талаботи умумӣ ва асосӣ ҷавобгӯ бошанд:

- таъмини воридоти мутавозини андоз ба буҷети давлатӣ дар ҳаҷме, ки барои иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ-мудофиавии давлат бо назардошти аҳаммияти ин вазифаҳо кофӣ аст;
- таъмини фароҳамии шароити молиявӣ барои ба роҳ мондани равандҳои такрористеҳсол ва рушди истеҳсолот дар иқтисоди миллӣ ва ҳалли масъалаҳои демографӣ бо фарогирии васеъ, тавассути ситонидани ҳаҷми муносиби андоз ва молиякунонии илман асоснок.

Ба андешаи мо нишондиҳандаҳои самаранокии танзими андозӣ-молиявӣ метавонанд чунин нишондиҳандаҳои калидиро дар бар гирад:

- ➢ дараҷаи ноилшавӣ ба нишондиҳандаҳои воқеии дар татбиқи сиёсати андозӣ-молиявӣ банақшагирифташуда;

- сатҳи манфиатнокӣ ва даромаднокии иҷтимоӣ-иқтисодии низоми андозбандӣ-молиявии амалкунанда дар кишвар;
- таъсири мусбати мултипликатори андоз, хароҷоти давлатӣ ва қарзи давлатӣ ба самтҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ;
- назари мусбати ҷомеа ва махсусан субъектони иқтисодӣ ба низоми андозу молияи кишвар;
- сатҳи баланди саводнокии андозӣ-молиявии ҳамаи субъектҳои хоҷагидор ва аҳолии кишвар;
- сатҳи рафтори қонунии субъектони хоҷагидор аз нуқта назари қонуншиканиҳои андозӣ ва амалу беамалии онҳо оид ба сохтакориҳои молиявӣ ва ғайра.

Бо назардошти унсурҳои мазкур зарур меҳисобем, ки механизми танзими андозию молиявии иқтисодиёти миллӣ мутобиқ ба шароити муосири муносибатҳои иқтисодӣ коркард карда шавад (ниг.расми 1).

***Расми 1. Механизми танзими андозӣ-молиявии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мамалакат***




Тавре аз расми 1 мушоҳида мегардад механизми танзими андозӣ-молиявӣ амалӣ намудани чораю тадбирҳои пайваста ва илман асосноку низоммандро тақозо менамояд, ки дар доираи ҳадафҳои стратегии сиёсати андозӣ-молиявии мамлакат тавассути усулҳо ва афзорҳои хос амалӣ карда мешавад. Чун қоида ин танзим бояд барои расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди

мамлакат мусоидат намояд. Дар шароити муосир тақозо мегардад, ки алгоритми муносиби танзими андозӣ-молиявӣ мавриди татбиқ, таҳия ва пешниҳод шуда бошад.

Арзёбии сатҳи найли нишондиҳандаҳои воқеии банақшагирифта талаб менамояд, ки танзими андозӣ-молиявӣ ба низоми идоракунии натиҷамеҳвар гузарад. Чунин механизми идоракунӣ тавассути ворид намудани усулҳо ва шаклҳои буҷетсозии натиҷамеҳвар, аз қабили, банақшагирии индикативӣ, пешгӯӣ ва банақшагирии миёнамуддат, мониторинги самаранокии чорабиниҳои андозӣ-молиявӣ ҳамчун шакли ҳамкории мақомоти ваколатдори соҳа бо субъектони иқтисодӣ ва аҳли ҷомеа имконпазир мебошад.

Дар раванди танзими андозӣ-молиявӣ инчунин арзёбии ҳамоҳангии даромадҳои андозии буҷет ва хароҷоти иҷтимоии давлатӣ низ аҳаммияти хоса дорад. Арзёбии самаранокии танзими андозӣ-молиявӣ бояд бо сатҳи найли ҳадафҳои объекти танзим мутобиқ карда шавад. Нишондиҳандаҳои мақсадноки объекти танзими андозӣ-молиявӣ вобаста аз ҳадафи стратегӣ ва самти танзим муайян карда мешаванд.

Арзёбии сатҳи манфиатнокӣ ва даромаднокии иҷтимоӣ-иқтисодии низоми андозу молия бояд алгоритмҳои ҳисобкунии иқтидори андозӣ, сарборӣ ва фишори иқтисодиёт, инчунин бахшҳои алоҳидаи он, минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурӣ ва гурӯҳҳои иштирокдорони муносибатҳои андози-молиявиро фарогир бошад. Муайян кардани таъсири мусбати экстерналии мултипликатори андозӣ, хароҷоти давлатӣ, қарзи давлатӣ ва ғайра ба самтҳои афзалиятнок ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ бо мақсади арзёбии мутобиқати низоми андози-молиявии амалкунанда ба ҳадафҳои афзалиятнок ва стратегии рушди кишвар зарур аст. Зеро на ҳама вақт созишномаҳои байналмилалии андозие, ки кишвар бо давлатҳои хориҷӣ бастааст, ба самтҳои афзалиятноки сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ, савдои хориҷии кишвар ва ғайра мувофиқат мекунад. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки меъёрҳои сиёсати андозу молия бояд ба самтҳое равона гарданд, ки татбиқи онҳо ба натиҷаҳои дар ҳадафҳо пешбинишуда мувофиқ бошад.

Амсилаи мавҷудаи танзими андозӣ-молиявии мамлакат дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- ба назар гирифтани хусусияти иқтисодии андоз ва маблағгузориҳои давлатӣ дар сатҳи баланд мушоҳида намешавад;
- механизми танзим «носаҳеҳ» буда, ҳамкории унсурҳои танзими андозӣ-молиявӣ ва самаранокии он дақиқ арзёбӣ намешавад;
- арзёбии нокифояи мувофиқати танзими андозӣ-молиявӣ ба сиёсати давлатӣ ва самтҳои афзалиятнок аз ҷониби мақомоти давлатӣ.

Таҷрибаи муосири мамлакатҳои Ғарб дарак медиҳад, ки амсилаи комилан муносиби танзими андозӣ-молиявӣ бояд дорои чунин хусусиятҳо бошад:

- бо ҳадафҳои стратегӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди кишвар комилан мутобиқ гардонида шуда бошад;
- таҳлили молиявӣ-иқтисодии натиҷаҳои танзим ва нишондиҳандаҳои низоми андозу молияро таъмин намояд;
- шаффофият ва адолат дар раванди танзим шарти калидӣ муайян шуда бошад.

Ҳамин тариқ, мо метавонем хулоса барорем, ки механизми танзими андозию молиявӣ як низоми мураккабу бисёрсоҳа буда, аз унсурҳои институтсионалӣ, афзорӣ, методологӣ ва ҳуқуқӣ иборат мебошад. Ҳар кадоми ин унсурҳо дар ҳамбастагӣ барои расидан ба ҳадафи асосии танзим ҳамчун таъминкунандаи рушди устувори иқтисоди миллӣ бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат хизмат мекунанд. Бо назардошти таҳқиқот дар доираи мақолаи илмӣ амсилаи муносиби танзими андозӣ-молиявии иқтисоди миллӣ коркард шудааст (ниг. расми 2).

*Расми 2. – Амсилаи самаранокии танзими андозию молиявии рушди иқтисоди миллӣ*



Ҷанбаҳои назариявию методии танзими андозӣ-молиявии равандҳи иҷтимоию иқтисодӣ тақозо менамояд, ки механизми танзим тавассути афзорҳои иқтисодӣ-институтсионалӣ (андоз, буҷет, ташкилотҳои молиявию қарзӣ, давлат ва ғайра) амалӣ карда шавад. Дар ин муҳит ниҳодҳо, қоидаҳо ва меъёрҳое муайян мегарданд, ки рафтори субъектҳои иқтисодиро танзим менамоянд. Ҳамзамон ҷанбаҳои методологӣ-иқтисодии танзим тавассути усулҳои мухталифи иқтисодӣ (андозбандӣ, кӯмаки молиявӣ, мусоидати молиявӣ, қарз ва ғайра) сурат мегирад, ки ба ҳавасмандгардонии истеҳсол, сармоягузорӣ, рушди некуаҳволӣ ва, дар мавридҳои зарурӣ, боздории ин самтҳо равона шудаанд.

Асосҳои ҳуқуқии танзими андозию молиявӣ тавассути қонунгузории андоз ва молия заминаи ҳуқуқии амалишавии ин механизм мегардад. Ҳамзамон меъёрҳои дар заминаи қонунгузорӣ таҳия ва қабулгардида бевосита ба танзими андозӣ-молиявӣ мусоидат менамоянд, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ бояд васеъ истифода бурда шавад. Аҳаммияти ин меъёрҳо дар он аст, ки  бевосита хароҷотро танзим ва маблағҳои истифодашавандаро сарфа намуда, сифати корҳои иҷрогардидаро баланд менамоянд. Дар раванди танзими андозию молиявӣ манбаъҳои иттилоотӣ, аз қабили иттилооти оморӣ ва бозорӣ низ зарур мебошад. Дар шароити муосир махсусан мавҷудияти иттилооти омории саҳеҳ натиҷаи танзими андозию молиявиро самаранок мегардонад.

Тавре аз расми 2 мушоҳида мегардад афзорҳои танзими андозию молиявӣ ба афзорҳои ҳавасмандкунанда ва боздоранда ҷудо карда мешаванд. Дар илми иқтисодии муосир ин афзор васоити амалигардонии сиёсати фискалӣ ва молиявӣ маҳсуб меёбад. Зимни татбиқи танзими андозию молиявӣ ҳадафҳои илмӣ ва амалии танзим ба самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ таъсир мерасонад, ки дар расми 2 бо назардошти шароити муосир ва таркиби ин самтҳо иъикос ёфтааст.

Ҳамин тавр, аз нигоҳи илми иқтисодӣ механизми танзими андозию молиявӣ як низоми институтсионалӣ-методологӣ ва иқтисодӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки тавассути афзорҳои фискалӣ ва молиявӣ амалӣ гардида барои расидан ба ҳадафҳои рушди босубот ва устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва экологӣ равона мешавад. Он ба назарияҳои рушди устувори иқтисоди некуаҳволӣ ва иқтисоди сабз такя мекунад.

Дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил шудан ба танзими андозию молиявии самаранок тавассути тавсеаи банақшагирию пешгӯӣ ва идоракунии андоз ва молияи давлатӣ, такмили мониторингу назорати андозӣ-молиявӣ, инкишофи назари мусбати аҳолӣ ва субъектони иқтисодӣ ва баланд бардоштани саводнокии андозӣ-молиявии онҳо, такмили шарикии давлат ва бахши хусусӣ имконпазир мебошад. Инчунин, шароити муосири тараққиёти иқтисоди миллӣ тақозо менамояд, ки амсилаи самараноки танзими андозию молиявии мутобиқ ба ҳадафҳои стратегии рушди мамлакат татбиқ карда шавад.

## ***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. URL: https://mmk.tj/file/%D1%81%D1%82% -2030pdf-2 (санаи муроҷиат: 10.12.2025).*
2. *Бобоҷонов, Д.Р. Танзими фискалии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа / Д.Р. Бобоҷонов, Х.Ҳ. Исматов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №. 4-2(34). – С. 79-90.*
3. *Исматов, Х.Х. Перспективы внедрения механизма налогового регулирования трансфертного ценообразования в Республике Таджикистан / Х.Х. Исматов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2020. – № 4(85). – С. 5-16.*
4. *Мураховская, И.С. Налоги и сборы: офиц. разъяснения гос. органов / И. С. Мураховская. — Москва: Проспект, 2000. — 586, ISBN 5-9278-0002-5.*

5. *Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка. / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – Москва: Российская Академия наук. Институт русского языка им. В.В. Виноградова, 1999. – 672 с.*
6. *Сомоев Р.Г. Общая теория налогов и налогообложении. Учебное пособие / Р.Г. Сомоев. – Москва: ПРИОР, 2000. – 170 с. – ISBN 5-7990-0174-5.*
7. *Сычев Н. Энциклопедия общего аудита. Законодательная и нормативная база, практика, рекомендации, и методика осуществления / Н. Сычев, А. Романов и др. – Москва: Интенсив, 1999. – 1036 с. – ISBN: 5-8018-0006-9.*
8. *Тухтаев, Т.М. Налоговое регулирование социально-экономического развития особых экономических зон России: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05, 08.00.10 / Т.М. Тухтаев. – Москва, 2006. –154с.*
9. *Шокиров, Р. С. Необходимость трансформации механизма налогового контроля в условиях формирования трансфертного ценообразования в Республике Таджикистан / Р. С. Шокиров, Х. Х. Исматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 4. – С. 213-222.*
10. *Юткина Т.Ф. Налоги и налогообложение. Учебное пособие / Т.Ф. Юткина. (2-е изд., перераб. и доп.). – Москва: ИНФРА-М, 2002. – 576 с.*


## *REFERENCES:*


1. *National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the Period up to 2030. Available at: https://mmk.tj/file/%D1%81%D1%82% -2030pdf-2 (date of appeal: 10 December 2025).*
2. *Bobojonov, D.R., Ismatov, Kh.H. Fiscal Regulation of Socio-Economic Development of Regions. Finance and Economics Bulletin, 2022, no. 4-2 (34), PP. 79–90.*
3. *Ismatov, Kh.Kh. Prospects for the Implementation of the Tax Regulation Mechanism of Transfer Pricing in the Republic of Tajikistan. Bulletin of the Tajik State University of Law, Business and Politics. Series: Social Sciences, 2020, no. 4 (85), PP. 5–16.*
4. *Murakhovskaya, I.S. Taxes and Fees: Official Explanations of State Authorities. Moscow: Prospekt Publ., 2000. 586 pp. ISBN 5-9278-0002-5.*
5. *Ozhegov, S.I., Shvedova, N.Yu. Explanatory Dictionary of the Russian Language: 80,000 Words and Phraseological Expressions. Moscow: Russian Academy of Sciences, V.V. Vinogradov Institute of the Russian Language, 1999. 672 pp.*
6. *Somoev, R.G. General Theory of Taxes and Taxation. Textbook. Moscow: PRIOR Publ., 2000. 170 pp. ISBN 5-7990-0174-5.*
7. *Sychev, N., Romanov, A., et al. Encyclopedia of General Audit: Legislative and Regulatory Framework, Practice, Recommendations, and Methodology. Moscow: Intensiv Publ., 1999. 1036 pp. ISBN 5-8018-0006-9.*
8. *Tukhtaev, T.M. Tax Regulation of Socio-Economic Development of Special Economic Zones in Russia. PhD Dissertation (Economics). Moscow, 2006. 154 pp.*
9. *Shokirov, R.S., Ismatov, Kh.Kh. The Necessity of Transforming the Tax Control Mechanism under the Formation of Transfer Pricing in the Republic of Tajikistan. Bulletin of the Tajik National University. Series of Socio-Economic and Social Sciences, 2020, no. 4, PP. 213–222.*
10. *Yutkina, T.F. Taxes and Taxation. Textbook. 2nd ed., revised and expanded. Moscow: INFRA-M Publ., 2002. 576 pp.*